**Тақриз**
**ба фишурдаи диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз руйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ**

Таҳқиқ ва муқоисаи истилоҳоти адабиётшиносӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ ба шумор меравад, зеро чунин навъи пажӯҳиш имкон медиҳад, то ки истилоҳсозӣ дар забонҳои тоҷикиву англисӣ рушд ёбад.

Диссертатсияе, ки аз тарафи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар хусуси таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ таҳқиқ гардидааст, барои истилҳхшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хеле мубрам аст.

Маводи асосии диссертатсияро рисолаву осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику англис ва вожаномаву фарҳангномаҳо ташкил медиҳад.

Диссертатсияи мазкур аз мукаддима, се боб, хулоса, адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назараиявӣ ва методоллогияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисола меравад.

Боби якуми рисола - «**Асосҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забоншиносӣ**» унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Муаллиф дар фасли аввали ин боб масъалаҳои назариявии истилоҳ ва истилоҳшиносиро ба таври мухтасар зикр намудааст. Илова бар ин, дар боби мазкур масъалаи сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтанд.

Боби дуюми рисола - «**Таснифот ва таҳлили сохтории истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» ном дошта аз нӯҳ фасл иборат аст. Дар боби мазкур истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аввал таснифот гардида, пасон зерфаслҳои баъдии ин боб ба баррасии усулҳои наҳвию сарфӣ, сарфию наҳвӣ, луғавию наҳвӣ, луғавию маъноии истилоҳсозии адабиётшиносӣ бахшида шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия «**Таҳлили луғавӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» масъалаҳои сермаъноӣ, омонимӣ, тазодӣ ва муродифии истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ин боб аз 6 зербоб иборат аст.

Дар қисмати хулоса муаллифи рисола андешаҳои худро бо хулосаву натиҷаҳои мушаххас ҷамъбаст намудааст.

Фишурдаи диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар асоси

стандарҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Он бо забони фасеҳу равон иншо гардида, натиҷаи пажӯҳиши муаллифро инъикос мекунад.

Бо вуҷуди комёбиҳо, дар фишурда баъзе ғалатхо роҳ ёфтаанд, ки қайд намудани онҳо бамаврид аст:

1. Агар боби дуюми рисола «Таҳлили сохтории истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ мешуд, хубтар мебуд.

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои фушурдаи диссертатсия (саҳ. 13,14,16) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

Дар маҷмуъ, ғалатҳои зикршуда ба моҳияти илмии диссертатсияи таҳқиқшуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд ва ҳамаи онҳо ислоҳшавндаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович бо номи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилохоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти анҷомёфта мебошад. Автореферати он мӯҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Таълифоти муаллифи рисола ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгу буда, фарогири мавзуи диссертатсия мебошанд.

Муаллифи диссертатсия - Ҷӯраев Хайём Акрамович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ арзанда мебошад.

Муққариз, доктори илмҳои филологӣ,
Директори коллеҷи омӯзгории ба
номи Х. Махсумоваи шаҳри Душанбе Исматуллозода Ширин

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 73,
Тел.: (+992)907-70-77-44.
E-mail:Kolleji-omuzgori@mail.ru

Имзои Ш. Исматуллозодаро тасдиқ мекунам.

Мудир шуъбаи кадрҳои Коллеҷи
омӯзгории ба номи
Х. Махсумоваи ш. Душанбе Раҳимова Анора

ШӮЪБАИ КАДРҲО

15.05. 2019 с.